| **Шарҳи методологӣ** | ***Методологические пояснения*** |
|---|---|
| Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар Ҷумҳурии **Тоҷикистон аз 1 то 15 октябри соли 2020** гузаронида шуда буд. Ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ аз тарафи ҳисобчиҳо бо роҳи саволу ҷавоб бо аҳолӣ бе талаби ягон ҳуҷҷати шахсӣ пур карда шуданд. | *Перепись населения и жилищного фонда в Республике Таджикистан была* ***проведена с 1 по 15 октября 2020 года.*** *Переписные документы заполнялись счетчиками путем опроса населения без требования документов.* |
| Маориф яке аз омилҳои асосии таъминкунандаи рушди устувори инсонӣ ба ҳисоб меравад. | *Образование-один из ключевых факторов, обеспечивающих устойчивое человеческое развитие.* |
| Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон савол оид ба таҳсилотнокӣ дар барномаҳои ҳамаи барӯйхатгириҳои аҳолӣ дохил карда шудааст. | *В Республике Таджикистан вопрос об образовании включается в программу всех переписей населения.* |
| Мутобиқи Барномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020 савол оид ба таҳсилотнокии аҳолӣ барои шахсони синни 10 сола ва калонсолтар мавриди омӯзиш қарор дода шуда буд, дар баробари ин сатҳи баландтарини таҳсилотнокии пурсидашавандагон ба ҳисоб гирифта шудааст. | *В соответствии с Программой переписи населения и жилищного фонда Республики Таджикистан 2020 года вопрос об образовании населения изучался для лиц в возрасте 10 лет и старше, при этом учитывался самый высокий из достигнутых респондентом уровень образования.* |
| Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи сатҳи таҳсилотнокӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» амалӣ гардид. | *Распределение населения по уровню образованию осуществлялось в соответствии с Законом Республики Таджикистан «Об образовании».* |
| Барои таҳлили равандҳои асосии тағийрёбии сатҳи таҳсилотнокии аҳолӣ дар ҷилди мазкур дар муқоиса бо маълумотҳои барӯйхатгириҳои аҳолии солҳои 2000, 2010 ва 2020 оид ба сатҳи таҳсилотнокии аҳолии синни 15 сола ва калонсолтар оварда шудаанд. | *Для анализа основных тенденций изменения образовательного уровня населения в данном томе приведено сопоставление данных переписей 2000, 2010 и 2020 годов об уровне образования населения в возрасте 15 лет и старше.* |
| Дар ҷилди мазкур инчунин маълумотҳо оид ба аҳолии синни 6 - 60 сола, ки дар муассисаҳои таҳсилотӣ мехонданд ва ба онҳо муассисаҳои рӯзона, ғоибона (давлатӣ ва хусусӣ) тааллуқ доштанд, ки барномаҳои таҳсилоти умумӣ ва барномаҳои ба даст овардани таҳсилоти касбӣ-техникӣ, миёна, миёнаи махсус ва олиро таъмин мекунанд, пешниҳод шудааст. | *В данном томе также представлены данные о численности населения в возрасте 6 - 60 лет, обучающегося в учреждениях образования, к которым относились дневные, заочные учреждения (государственные и частные), реализующие общеобразовательные программы и программы, обеспечивающие получение профессионально-технического, среднего, среднего специального и высшего образования.* |
| Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил инчунин манбаи ягонаи маълумотҳо оид ба шумораи аҳолии бесавод мебошад. Ба категорияи шахсони бесавод - пурсидашавандагоне дохил карда шудаанд, ки хонда ва навишта наметавонанд. | *Перепись населения и жилищного фонда также является единственным источником информации о численности неграмотных лиц. К категории неграмотных отнесены респонденты, не умеющие писать и читать.* |
| Дар ҷилди мазкур маълумотҳо оид ба тақсимоти ҳамаи аҳолӣ ва аҳолии машғул аз рӯи таҳсилотнокӣ, аз рӯи ҷинсият ва синну сол, аз рӯи маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳоти минтақаҳои ҷумҳурӣ; маълумотҳо оид ба аҳолии таҳсилкунанда дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва динамикаи сатҳи бесаводии аҳолии ҷумҳурӣ гирд оварда шудаанд. | *В настоящем томе приводятся данные о распределении всего и занятого населения по уровню образования, по полу и возрасту, по городской и сельской местности регионов республики; данные об населении, обучающемся в учреждениях образования и динамики уровня грамотности населения республики.* |